***Фонди Глобалӣ барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии занони гирифтори ВНМО дар Тоҷикистон мусоидат мекунад***



“Занони гирифтори бемории ВНМО, пеш аз ҳама, ба кӯмаки равонӣ ва иҷтимоӣ ниёз доранд. Одатан, баъд аз фаҳмидани хабари гирифтори бемории ВНМО будани зан, хешовандони шавҳар ва волидони занони гирифтори бемории ВНМО дарҳол онҳоро аз хонаҳои худ берун мекунанд. Ба шарофати ҳамкории хуб бароҳмондашуда бо хадамоти давлатӣ, мо ба занон хизматрасонии иҷтимоӣ ва ҳуқуқии дархостшударо дар ҳолатҳои бӯҳронӣ таъмин мекунем”, - мегӯяд Хайдарова Таҳмина, сардори “Шабакаи Тоҷикистонии занони гирифтори ВНМО”:

**Ҳикояҳои занон**

**Вазъияти душвори ҳаёт, тарс дар назди марг аз ВНМО ва дар натиҷа ятиму бепарастор мондани кӯдаки худ, Қурбонбибиро водор сохт, то аз кормандони иҷтимоӣ хоҳиш намояд, ки ба ӯ дар пайдо кардани шавҳари мисли худи ӯ гирифтори ВНМО кӯмак расонанд.**

Қурбонбибӣ – зани 34-солаи гирифтори ВНМО, баъди қатъ кардани ақди никоҳаш, бе дастгирӣ, бе ҷойи кор ва истиқомат маҷбур шуд, ки бо писари панҷсолааш ба хонаи волидонаш, ки ҳеҷ кас ӯро он ҷой интизор набуд, баргардад. Хешовандон дар бораи гирифтори ВНМО будани ӯ хабар надоштанд. Бозгашт ба хона озмоиши дигари ҳаёт барои Қурбонбибӣ шуд. Аҳволи ӯ хеле танг буд, хешу табор ҳамеша бо ӯ ҷанҷол мекарданд, зеро тайёрахӯри иловагӣ барояшон лозим набуд. Ӯ табобати зиддиретровирусиро пинҳон аз хешовандон қабул мекард, зеро метарсид, ки агар онҳо дар бораи гирифтори ВНМО будани ӯ хабар ёбанд, ӯро аз хона берун мекунанд. Доруҳояшро, ки ошкоро қабул карда наметавонист, баъзан истеъмоли саривақтии онҳоро таъмин карда наметавонист ва табобаташ канда мешуд. Ҳар боре, ки Қурбонбибӣ барои гирифтани доруҳояш ба маркази ВНМО мерафт, ин сафар барояш шиддате буд.

**Баъди мулоқот бо занони мисли худам, ман марди дӯстдор пайд кардам ва оилаи нав барпо намудам. Ман хушбахтам.**

Дар вақти ташрифи навбатӣ ба Маркази ВНМО, Қурбонбибӣ бо мушовири “Шабакаи Тоҷикистонии занони гирифтори ВНМО” шинос шуд ва ба ӯ дар бораи мушкилоти ҳаррӯзаи зиндагиаш бо бемории ВНМО нақл кард. Мушовир Қурбонбибиро ба ташкилоти худ даъват карда, дар он ҷо ҳамроҳаш масъалаҳои марбут ба табобати зиддиретровирусиро муҳокима карданд ва дар бораи масъалаҳои ҳуқуқӣ тавсия доданд.

Кормандони иҷтимоӣ дар баробари расонидани кумак ҷиҳати идома додани табобат, барои Қурбонбибӣ марди гирифтори ВНМО-ро пайдо намуданд, ки ба дархости Қурбонбибӣ ҷавоб дод. Маълум шуд, ки ӯ ҳам мехостааст бо зани гирифтори бемории ВНМО оила бунёд кунад, вале дар ин бора ба касе нақл карданро метарсид. Ҷавононро бо ҳам шинос карданд ва аз вохӯрии аввалин онҳо дарк карданд, ки ба ҳамдигар бовар карда метавонанд. Баъд аз чанде онҳо бо ҳам оила барпо намуданд.

Бо кӯмаки мушовирон ва коргарони иҷтимоӣ, дар ҳаёти Қурбонбиби шахсе пайдо шуд, ки ӯ ва кӯдакашро дастгирӣ мекунад. Акнун онҳо алоҳида зиндагӣ доранд. Курбонбиби хушбахт аст, доруҳои зиддиретровирусиро бе тарсу ҳарос қабул карда истодааст ва барои вохӯрӣ бо корманди ташкилот, ки барояш дасти ёрӣ дароз намуд, ба ҳаёт миннатдор аст.

*"Пештар, мубориза баҳри ҳаёт бароям хеле душвор буд. Ҳеҷ касе набуд, ки ба ӯ бовар карда тавонам ва диламро холӣ кунам. Баъди мулоқот бо занони мисли худамбемор, ман марди дӯстдор пайдо кардам ва оилаи нав барпо намудам. Ман хушбахтам".* - мегӯяд Қурбонбибӣ.

---

*Маълумотнома*: Ташкилоти ҷамъиятии "Шабакаи Тоҷикистонии занони гирифтори ВНМО" яке аз панҷ ташкилотҳои маҳаллие мебошад, ки бо дастгирии Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб – Тоҷикистон» лоиҳаи таъмини кумаки ҳамаҷониба барои шахсони гирифтори ВНМО, фоҳишаҳо ва занони озордида дар панҷ минтақаи Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Чорабиниҳои муштараки шарикон аз тарафи Хазинаи Глобалӣ оид ба мубориза бо ВНМО, сил ва табларза маблағгузорӣ мешавад. Маълумоти бештарро дар сомонаи www.afew.tj дастрас карда метавонед.